Ба Шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-005
назди Институти таърих, бостоншиносӣ ва
мардумшиносии ба номи А.Дониши
Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон
(734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе,
хиёбони Рӯдакӣ, 33) www.institute-history.tj

**Тақризи муқарризи расмӣ**
**ба диссертатсияи Холмуродова Меҳрафрӯз Буриевна «Таърихи раванди оштии миллии тоҷикон (солҳои 1991-2001)» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020300 – Таърих**

Муҳимияти омӯзиши мавзӯи интихобнамудаи Холмуродова М.Б. бебаҳс аст. Зеро таърихи ҷанги шаҳрвандии дар Тоҷикистон рухдода ва махсусан таърихи оштии миллии тоҷикон дар солҳои 90-уми асри гузашта саҳифаҳои норавшани зиёд дорад. Гузашта аз ин, як зумра олимони хориҷӣ ба воқеаҳои сиёсии мамлакат баҳои субъективӣ дода, таърихи навини кишварро таҳриф намудаанд. Чунин ҳолат, пеш аз ҳама, ба зеҳну тафаккури насли наврас ва ҷавонон таъсири манфӣ мерасонад. Аз ин рӯ, омӯзиш ва баррасии паҳлуҳои гуногуни таърихи сиёсии Тоҷикистон дар солҳои 90-ум имкон медиҳад, ки воқеиятҳои он давраи мушкил ва ҳассос боз ҳам возеҳу равшан гардонида шавад. Махсусан, вобаста ба сабабҳои сар задани ҷанги шаҳрвандӣ ва мушкилиҳои раванди таъмини оштии миллӣ олимону муҳаққиқони ватанӣ ва хориҷӣ фикру мулоҳизаҳои гуногун ва баъзан хилофи ҳамдигар иброз намудаанд. Бинобар ин, омӯзиши ин масъала бо диди нав ва бо дарназардошти воқеиятҳои замони муосир имкон медиҳад, ки ба қисме аз баҳсҳои мавҷуда хотима дода шаванд. Муаллиф низ дар муқаддимаи рисола хеле хуб қайд намудааст, ки «дар раванди баргузории гуфтушунидҳои ҷонибҳои даргир ва таъмини оштии миллӣ як қатор

мушкилот ва душвориҳо ба амал меомаданд, ки онҳо дар аксар маврид ба таври сунъӣ бо максади монеа гардидан ба сулҳи тоҷикон ташкил карда мешуданд. Бинобар ин, раванди омӯзиши таърихи оштии миллӣ имкон медиҳад, ки ҷонибдорон ва мухолифони сулҳи тоҷикон муайян карда шуда, нисбат ба вокеаҳои хунини мамлакат хулосаҳои дуруст бароварда шавад» (С.3-4).

Муҳимияти омӯзиши ин масъала боз дар он ифода меёбад, ки Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар суханрониҳои худ пайваста олимону муҳаққиқонро ба омӯзиши таърихи ҷанги шаҳрвандӣ даъват менамоянд. Чунончӣ 18 марти соли 2020 зимни вохӯрӣ бо зиёиёни кишвар Президенти мамлакат ҷанги шаҳрвандии Тоҷикистонро «ҷанги таҳмилӣ» номида, аз олимону муҳаққиқони ватанӣ хоҳиш намуданд, ки саҳифаҳои норавшани солҳои вазнини ҷанги шаҳрвандиро ҳамаҷониба омӯзанд ва нисбат баояндаи миллату давлат бетарафӣ зоҳир накунанд. Чи гунае, ки худи муаллиф иброз медорад, «дар раванди таъмини сулҳу субот ва аз байн бурдани ҷанги шаҳрвандӣ як қатор созмонҳои минтақавию байналхалқӣ ва ҳамчунин як гурӯҳ давлатҳои дигар низ фаъолона ширкат варзиданд. Зеро онҳо низ аз сулҳи тоҷикон манфиатдор буданд ва намехостанд, ки вазъият дар Осиёи Марказӣ муташанниҷ гардад. Бодарназрадошти ин, раванди омӯзиши сулҳи тоҷикон имкон медиҳад, ки давлатҳои аз сулҳи тоҷикон ва ҷанги шаҳрвандии Тоҷикистон манфиатдор муайян карда шаванд. Зеро дар баробари неруҳои сулҳофар, ки барои таъмини сулҳу субот кӯшиш меварзиданд, инчунин таҳмилгарони бесуботӣ низ ҳамчун омили муҳими ҷанги шаҳрвандӣ аз мавҷудияти худ дарак медод» (С.4). Бо дарназардошти гуфтаҳои боло бо боварии комил гуфтан мумкин аст, ки омӯзиши таърихи оштии миллии тоҷикон яке аз масъалаҳои мубрам ва муҳим ба шумор меравад ва дар марҳилаи навини давлатдорӣ барои

ташаккули худшиносии миллӣ ва таҳкими ваҳдати миллӣ омӯзиши ин масъала заминаи муҳим мегузорад.

Арзиши илмии рисолаи пешниҳодшуда дар он ифода меёбад, ки муаллиф дар раванди таҳқиқот доираи васеи адабиёти илмӣ ва сарчашмаҳои гуногунро таҳлилу баррасӣ намудааст. Дараҷаи омӯзиши мавзӯъ, ки дар муқаддимаи рисола таҳия гардидааст, бозгӯи он мебошад, ки муаллиф аз таҳқиқоти дар самт анҷомёфта пурра огоҳӣ дорад. Хулосаҳо ва баррасиҳои муаллиф дар заминаи таҳлили анадешаҳои олимони ватанию хориҷӣ ташаккул дода шудаанд. Дар бисёре аз мавридҳо эҳсос мегардад, ки муаллиф вобаста ба вазъи сиёсии солҳои 90-ум ва мушкилиҳои раванди оштии миллӣ андешаҳои шахсии худро дорад. Ғайр аз ин, муаллиф дар раванди таҳқиқот зиёда аз 61 номгӯи ҳуҷҷатҳои расмиеро, ки вобаста ба воқеаҳои сиёсии Тоҷикистон солҳои 1991-2001 чоп шудаанд ва ба имзо расидаанд, истифода намудааст, ки чунин ҳолат ҷанбаҳои фактологии таҳқиқотро бамаротиб афзун намудааст.

Диссертатсияи мазкур аз муқаддима, ду боб, панҷ зербоб, хулоса ва рӯйхати адабиёти истифодашуда иборат мебошад. Боби якуми диссертатсия «Таърихи ҷанги шаҳрвандӣ дар замони соҳибистиқлолии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва хусусиятҳои хоси он» номгузорӣ шуда, ба омӯзиши сабабҳои сар задани ҷанги шаҳрвандӣ дар Тоҷикистон, омилҳои гуногуни ба ин раванд таъсиррасон, неруҳои бо ҳам муқобили мунокишаҳои дохилии мамлакат ва марҳилаҳои асосии гуфтушунидҳои тарафҳои бо ҳам муқобил бахшида шудааст.

Дар зербоби якуми боби якум «Таърихи ҷанги шаҳрвандӣ дар Тоҷикистон» воқеаву ҳодисаҳое, ки сабаби саршавии ҷанги шаҳрвандӣ шудаанд, мавриди омӯзиш қарор гирифтаанд. Муаллиф дар заминаи таҳлили равандҳои сиёсии мамлакат сабабҳои сар задани ҷанги шаҳрвандӣ ва раванди ба амал омадани онро нишон додааст.

Дар зербоби дуюми боби якум «Марҳилаҳои асосии гуфтушунидҳои тарафҳои бо ҳам муқобил» таҳлили раванди гуфтушуниди ҷонибҳои бо ҳам муқобили ҷанги шаҳрвандӣ, омӯзиши ҳуҷҷатҳои ба имзорасида ва натиҷаҳои он мавриди баррасӣ қарор дода шудаанд.

Дар боби дуюми диссертатсия «Раванди оштии миллии тоҷикон ва нақши таърихию сиёсии Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ» таърихи ба амал омадани оштии миллии тоҷикон, раванди таъсисёбии комиссияҳои ҷонибҳои низои сиёсӣ, нақши созмонҳои байналхалқӣ ва давлатҳои хориҷӣ дар танзиму ҳалли низои байнитоҷикон ва дар маҷмӯъ мақом ва нақши таърихии Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ таҳлилу таҳқиқ гардидаанд.

Параграфи якуми боби дуюм «Заминаҳои таърихии таъсиси ҳайати тарафҳои раванди оштии миллӣ» номгузорӣ шуда, дар он таърихи таъсисёбии комиссияҳои гуногуни оштии миллӣ, самтҳои фаъолияти онҳо, нақши онҳо дар ҳалли масъалаҳои иҷтимоию сиёсӣ ва ҳарбӣ баррасӣ гардидаанд.

Зербоби дуюми боби дуюм – «Нақши ИДМ ва созмонҳои байналмилалӣ дар ноил гардидан ба оштии миллии тоҷикон» – масъалаҳои ба сифати миёнарав иштирок намудани давлатҳои гуногун ва созмонҳои байналмилалӣ нишон дода шудааст. Ба андешаи як қатор сиёсатшиносон ва таҳлилгарони соҳаи низоъшиносӣ, низои сиёсии Тоҷикистон яке аз низоъҳои мураккаб ва пурпечидаи собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ ба шумор мерафт. Ҳалли низои сиёсӣ ва раванди гуфтушунид миёни ҷонибҳои низоъ дар шароитҳои душвори сиёсӣ ва бухронӣ ба амал омадаанд, ки чунин ҳолат аз мураккабии он дарак медиҳад. Дар самти ҳалли низои сиёсии Тоҷикистон ва ташкили оштии миллии тоҷикон дар баробари як қатор омилҳои дохилӣ, инчунин фаъолияти намояндагони расмии созмонҳои байналмиллалӣ ва минтақавӣ низ хеле назаррас мебошанд.

Дар зербоби сеюми боби дуюм – «Масъалаи ба имзо расидани Созишномаи умумии истикрори сулҳ ва ризоияти миллӣ: натиҷа ва мақоми таърихии он» – раванди дар амал татбиқ гардидани ҳадафҳои стратегии давлату ҳукумат, бартараф намудани харобиҳои ҷанги шаҳрвандӣ, оғози корҳои ободонию созандагии давраи баъдиҷангӣ ва пурра ба ҳаёти осоишта сафарбар гардидани шаҳрвандони мамлакат мавриди омӯзиш қарор дода шудааст.

Ҳамзамон кайд намудан бамаврид аст, ки таҳқиқоти Холмуродова М.Б. аҳамияти назариявию амалӣ дорад. Пеш аз ҳама, натиҷаҳои асосии диссертатсия барои муҳаққиқони ҷавон ва барои омӯзиши таърихи ҷанги шаҳрвандӣ, таърихи сиёсии Тоҷикистон ва умуман барои омӯзиши таърихи раванди оштии миллии тоҷикон барои кормандони соҳаҳои илм маводи илмӣ ва фактологӣ ба шумор меравад. Маводи диссертатсия дар раванди таълим барои омӯзиши таърихи сиёсии Тоҷикистони соҳибистиқлол, таърихи ҷанги шаҳрвандӣ ва барои омӯзиши даҳсолаи аввали таърихи навини Тоҷикистон аҳамияти муҳиму хосса дорад. Хулосаҳои таҳқиқот ва таҳлилҳои илмии дар рисола ҷойдошта барои нишон додани воқеияти сиёсии солҳои ҷанги шаҳрвандӣ ва инъикоси чанд соли марҳилаи баъдиҷангӣ, инчунин аз ҷониби омӯзгорони фанҳои ҷомеашиносӣ низ метавонанд мавриди истифода қарор дода шаванд.

Дар таҳқиқоти мазкур дар баробари муваффақиятҳои муаллиф инчунин баъзе норасоиҳо низ дида мешаванд, ки онҳоро ба таври зерин нишон додан мумкин аст:

1.Дар зербоби дуюми боби аввали диссертатсия «Марҳилаҳои асосии гуфтушуниди тарафҳои бо ҳам муқобил» раванди гуфтушуниди ҷонибҳои бо ҳам даргир таҳлилу баррасӣ гардидааст. Хуб мебуд агар марҳилаҳои мазкур дар шакли ҷадвали алоҳида марҳилабандӣ гардида, дар замима ҷойгир карда мешуданд.

2.Дар дохили диссертатсия дар атрофи масъалаи монеаҳо ва мушкилоти ба даст овардани оштии миллӣ таҳлилу баррасиҳои ҷудогона

дида мешаванд. Ба андешаи ман, агар мушкилот ва монеаҳои раванди бадастории оштии миллӣ дар доираи зербоби алоҳида матраҳ мешуд, мазмуну мундариҷаи диссертатсия боз ҳам беҳтар мегардид.

3.Дар охири ҳар зербоб бояд хулосаҳои муаллиф ба таври мушаххас нишон дода мешуданд. Ҳарчанд онҳо дар хулосаи диссертатсия мавҷуд бошанд ҳам, дар охири зербобҳо ва ё бобҳо нишон додани хулосаҳои муаллиф, саҳми ӯро дар омӯзиши ин масъала боз ҳам равшантар менамуд.

4. Дар матни диссертатсия баъзан нуқсонҳои техникӣ ва хатоҳои имлоӣ ба назар мерасанд.

Бояд зикр намуд, ки эродҳои мазкур ба мазмуну муҳтавои диссертатсия таъсири манфӣ намерасонанд. Аз ин рӯ, ба муаллиф тавсия мегардад, ки дар таҳқиқоти минбаъдаи худ онҳоро ба инобат гирифта, мавриди омӯзиш ва баррасӣ қарор диҳад.

Диссертатсияи Холмуродова Меҳрафрӯз Буриевна ба омӯзиши яке аз масъалаҳои муҳимтарини таърихи навини ҷомеаи Тоҷикистон бахшида шуда, дар илми таърихи ватанӣ иқдоми хеле муҳим мебошад. Диссертатсияи мазкур кори мустақилона анҷомёфтае мебошад, ки сохтори он тибқи талаботи муқаррааргардида таҳия шудааст. Дар раванди таҳқиқот миқдори зарурии сарчашмаҳо ва адабиёти илмӣ истифода гардидааст. Адабиёти истифодашуда ба масъалаи омӯхташаванда ва масъалаҳои баррасигардида робитаи бевосита доранд. Гузашта аз ин, диссертатсия аз рӯйи мазмуну мундариҷа бо ихтисоси интихобнамуда мувофиқат менамояд. Дар маҷмӯъ, адабиёти омӯхташуда, маводи истифодашуда, баррасиҳои муаллиф, хулосаҳои асосии диссертатсия, мазмуну мундариҷаи он, методҳои илмии истифодагардида бо ихтисоси 6D020300 – Таърих мувофиқат менамоянд.

Ҳамин тариқ, диссертатсияи Холмуродова Меҳрафрӯз Буриевна дар мавзӯи «Таърихи раванди оштии миллии тоҷикон (солҳои 1991-2001)» ба талаботи пешбининамудаи бандҳои 10-16 «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ», ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии

Тоҷикистон аз 26 ноябри соли 2016, №505 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ мебошад. Диссертатсияи мазкур таҳқиқоти мукаммал ва мустақилона анҷомёфта ба шумор рафта, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020300 – Таърих мебошад.

Муқаррizи расмӣ
доктори илмҳои таърих, профессори кафедраи
таърихи ватанӣ ва археологияи
Донишгоҳи давлатии Хуҷанд
ба номи академик Бобоҷон Ғафуров Набиев Ваххоб Машрафович

Имзои профессор Набиев В.М.-ро тасдиқ менамоям.
Сардори Раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси
МДТ "ДДХ ба номи академик Бобоҷон Ғафуров" Ашрапова З.Н.

**Маълумот барои тамос:**
Суроға: 735700,
ш. Хуҷанд, гузаргоҳи Мавлонбеков 1,
МДТ "Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон ғафуров"
Тел.: (992) 93-503-52-73; (992)92-803-00-01
E-mail: v.m.nabiev@mail.ru